## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII», барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Ба таърихи тамаддунҳо назар афканем, мебинем, ки давраҳои пайдоиш, ташаккул, камолоту шукуфоӣ ва заволро аз сар гузаронидаанд. Миллати тоҷик низ бо дастовардҳои арзишманди худ дар рушди фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ бо шоҳкориҳои худ саҳми бузург дошта, бо дастовардҳои моддиву маънавии худ дар офаридани шаҳрҳо, марказҳои марифатӣ, ки ба ин васила илму дониш дар сарзамини тоҷикон рӯ ба густариш ниҳод.

Илм ва фарҳанги миллати тоҷикро олимони зиёди ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, сарчашмаҳои зиёде гувоҳӣ медиҳанд, ки тоҷикон дар рушд ва инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ бо дастовардҳои бузург дар соҳаи илм ва фалсафа нақши бориз доранд. Ин гуфтаҳои моро дар сарчашмаҳои юнонӣ, румӣ, арманӣ, чинӣ, тибетӣ, форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо аз даврони басо куҳан натанҳо ба илмҳои мухталиф ошноӣ доштаанд, балки аз поягузорони илмҳои гуногун низ будаанд. Ибни Надим дар китоби «Ал-Феҳрист»-аш менависад, ки пеш аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Эронзамин дар ин сарзамин илмҳои риёзӣ, ҳунари навиштани арқом, кишоварзӣ, истихроҷ ва истеҳсоли филиз, улуми нуҷум (астрономия), зуҳури ақидаҳои динӣ ва фалсафӣ роиҷ буд.

Асрҳои миёна махсусан асрҳои XI-XII барои миллати тоҷик давраи бисёр ҳассос маҳсуб меёбад. Зеро, ки дар ин давра алакай ҳукумати миллӣ яъне давлати Сомониён аз миён рафта ҷойи, вайро ҳукумати ғосибгари бегона гирифта, бегонагон ба ҷойи тоҷикон ҳукумат меронданд. Новобаста аз суқути давлати миллии тоҷикон Сомониён, таъсири рушди илми ин давра то ба охири асри XII ва аввали асри XIII расидааст. Дар

ин аҳд бузургтарин шахсиятҳо дар соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ, нуҷум, риёзиёт ва фалсафаву адабиёт зуҳур менамоянд. Мавзуи интихобшудаи диссертанд ба як давраи аҳамиятноки илм ва фалсафаи тоҷик рост меояд.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои XI-XII низ риштаҳои гуногуни илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо давраи нашъунамои худро сипарӣ менамуд. Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбад:

1. Ба авҷи аъло тараққӣ ёфтани илмҳои дақиқ, бахусус нуҷум (астрономия) ва риёзиёт (математика), тавассути осори Кушёри Гелонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Аҳмади Кисравӣ, Шарофуддин Муҳаммади Бухороӣ ва дигарон.

2. Идомаи тараққиёти илми тиб то дараҷае, ки аз чаҳор тан бузургтарин пизишкони ҷаҳони асримиёнагӣ, ки ҳамаи онҳо тоҷик буданд, Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ дар ин давра зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

3. Рушди илмҳои фалсафа тавассути донишмандони бузурге чун Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Ибни Мискавайҳ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Фахруддини Розӣ ва ғайра.

4. Вусъат ёфтани таърихнависӣ дар дарбори ҳокимони асрҳои XI-XII. Чунки ҳамаи подшоҳон мехостанд бартарӣ ва шукӯҳу азамати худ ва хонадони худро нишон диҳанд.

5. Аз ватани аслии худ, яъне Хуросони бузург берун баромадани забони порсии тоҷикӣ ва густариши он то Осиёи Хурд ва сарзамини Ҳинд ва ба забони байналмилалӣ табдил ёфтани он.

6. Густариш пайдо намудани адабиёти порсии тоҷикӣ.

7. Маъмул гардидани истифодаи вожаи «тоҷик» ибтидо дар шакли «тозик» дар муқобили вожаи «турк».

8. Пайдо гардидании доираҳои бузурги илмию адабӣ дар пойтахтҳои давлатҳои мавҷуд дар асрҳои XI-XII.

9. Маҳз дар асрҳои XI-XII бузургтарин осори тиббию фалсафии донишмандони тоҷик, бахусус Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба Аврупо сар даровcovarда, ибтидо ба забони лотинӣ, баъдан ба дигар забонҳои асосии аврупоӣ тарҷума гардида, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд.

10. Шуҳрати олимони ин давра то ҷое расида, ки донишманди маъруфи амрикоӣ Ҷорҷ Сартон асри ёздаҳро асри Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём номидааст.

Аз омилҳои манфие, ки хоси ин давра аст, инҳо мебошанд:

1. Олуда гардидани забони порсии тоҷикӣ бо калимаҳо ва ибораҳои туркӣ. Зеро аксари хонадонҳои ҳукуматгари ин давра туркзабону муғулнажод буданд.

2. Ворид гардидани вожаҳо ва ибораҳои арабӣ ба забони порсии тоҷикӣ. Чунки дар марказҳои таълимӣ, аз ҷумла «низомия»-ҳо таълим ба забони арабӣ сурат гирифта ва танҳо забони арабӣ тадрис мешуд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқ таҳлилу баррасии илмӣ ва ҳамаҷонибаи вазъи шохаҳои гуногуни илми тоҷик дар асрҳои XI-XII мебошад. Вобаста ба ҳадафи гузошташуда ҳаминро гуфтан зарур аст, ки муаллифи диссертатсия ба ҳадафи асосии гузошташудаи таҳқиқоти худ расидааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ гардидани мақсади асосии таҳқиқ вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

- таҳлили раванди рушди илмҳои гуногун;

- мавриди пажӯҳиш қарор додани ниҳодҳои илмӣ;

- баррасии саҳми олимон дар такомули улуми дақиқ ва табиатшиносӣ;

-равшанӣ андохтан ба нақши олимон дар такомули улуми ҷомеашиносӣ;

- ба гардиши илмӣ ворид намудани бархе аз осори чопнашудаи донишмандон;

- бо далелҳои муътамад исбот намудани саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илми ҷаҳонӣ;

- нишон додани таъсири осори донишмандони тоҷик ба эҷодиёти донишмандони Ғарб.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ватанӣ, махсусан таърихи илм бори нахуст масъалаи ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад. Ҳамзамон дар кор ҷанбаъҳои мухталифи масъалаи мазкур таҳқиқ шуда, инъикоси худро дар навгониҳои илмии худ ёфтааст, ки муфасал дар диссертатсия мавҷуд мебошад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои навишти рисолаи номзадӣ омода карда шуда, дар он муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот мушаххас гардида, инчунин асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва сохтори рисола пурра инъикоси худро ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия «**Вазъи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ»** номгузорӣ гардида, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф тавонистааст рушд ва инкишофи илмҳои нуҷум, риёзиёт, физика, химия,ва тибро мушикофона инъикос намояд.

Дар зербоби аввал **«Рушди илми нуҷум (астрономия) дар асрҳои XI-XII»** муаллифи диссертатсия ҳаёту фаъолият ва эҷодиёт олимони астрономияро баррасӣ намуда, рушд ва инкишофи онро дар асрҳои XI-XII мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф дар ин қисмати диссертатсияи худ қайд мекунад, ки илми астрономия аз давраҳои қадим дар миёни мардуми тоҷик роиҷ буда, ниёгони мо аз замонҳои қадим омӯзиши илми нуҷум оғоз гардида, дар давраҳои гуногун рушду инкишоф додаанд. Ҳамзамон дар ин қисмати диссертатсия гуфта шудааст, ки тоҷикон дар

давраи тоисломӣ низ ба масъала таваҷҷуҳ намуда, дар баробари дигар ақвом тоҷикон низ яке аз асосгузорони илми нуҷум ба ҳисоб меравand.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки «**Пешрафти илми риёзиёт (математика) дар асрҳои XI-XII**» номгузорӣ гардидааст, муаллиф қайд мекунад, ки дар рушд ва инкишофи илми риёзиёт низ ниёгони мо аз замонҳои қадим таваҷҷуҳ дошта, дар асрҳои XI-XII он ба пешрафту тараққиёт ноил гардидааст. Аммо сарчашма ва заминаи он дар дастовардҳои олимони тоҷик дар давраҳои пеш аз ислом ва ҳатто дар давраи аҳди бостон мушоҳида карда мешавад.

Муаллиф як қатор олимони илми риёзиётро, ки дар асрҳои XI-XII ба дастовардҳои бузург ноил гардидаанд ва бо эҷодиёти худ шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудаанд, ёдоварӣ менамояд: Кушёри Гелонӣ, Абунасри Ироқ, Умари Хайём, Абулҳасани Насафӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абулҷуд Муҳаммад ибни Лайс, Шарафуддин Масъуди Тӯсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулҳасани Қойинӣ, Абунасри Мансур, Абусаиди Санҷарӣ, Абуалӣ Каттонии Марвазии Бухороӣ.

Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия, ки «**Вазъи илмҳои физика ва химия**» номгузорӣ шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки дар асрҳо XI-XII як қатор олимони соҳаи табиатшиносӣ, ба хусус илми физика ва кимиё ба арсаи эҷод омадаанд ва дар инкишофи он саҳми босазо гузоштаанд. Муаллиф менигорад, ки дар асрҳои XI-XII доир ба илми физика ё илми табиӣ як зумра донишмандонро ба арсаи эҷод ниҳода, бо асарҳои офаридаашон дар инкишофи илми асримиёнагӣ ва давраҳои минбаъдаи илм саҳми босазо гузоштаанд. Ин аст, ки шахсиятҳои бузург дар ин аҳд ба монанди Абурайҳони Берунӣ ва Закариёи Розӣ бо эҷоди асарҳои илмиашон дар ин соҳаи илм хидматҳои шоён намуда, дар рушди ин соҳаҳои илм ба дастовардҳои бузург ноил гардида, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд.

Дар ин зербоб дастовардҳои Абурайҳони Берунӣ ва Закариёи Розиро, ки дар аҳди худ ба даст оварда, дар рушд ва инкишофи илми кимиё ва физикаи амалӣ саҳм гузошта ва дар шароити имрӯза низ аҳамияти худро гум накардаанд, махсус таъкид менамояд.

Зербоби чаҳоруми боби аввал - «**Илми тибби тоҷик дар асрҳои XI-XII**» - ба таҳқиқ ва таҳлили вазъи илми тибби давраи мавриди таҳқиқ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф, тибби тоҷикон, ки аз китоби энсиклопедии «Авесто» сарчашма мегирад, дар асрҳои XI-XII ба авҷи аълои худ расида буд.

Боби дуюми диссертатсия «**Вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ**» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар ин боб муаллиф ба вазъ ва рушду инкишофи илмҳои ҷомеашиносӣ таваҷҷуҳ намуда, ба ҷанбаъҳои таърихӣ, рушд ва инкишофи таърихнависӣ, ташаккул ва таҳаввули илми фалсафа ва афкори файласуфон ва нақши олимони тоҷик дар инкишофи илмҳои исломӣ ва мактабу ҷараёнҳои хусусияти фалсафиву диннии ин аҳд такя намудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм «**Рушди таърихнависӣ**» диссертант таъкид менамояд, ки дар асрҳои XI-XII илми ҷомеашиносӣ ва махсусан илми таърихнависӣ бешта ташаккул меёбад. Қайд карда шудааст, ки як қатор олимон Ибни Мискавайҳ, Саолибӣ, Утбӣ, Абурайҳони Берунӣ, Гардезӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Балхӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Самъонӣ ва дигарон ба эҳёи фарҳанги ниёгон пардохта, таъриху тамаддуни форс-тоҷикро аз вартаи нестшавӣ ва махлутшавӣ наҷот додаанд. Бузургтарин таърихнигор дар ин аҳд Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки бо таълифи "Шоҳнома" – и безаволаш таърихи моро аз умқи асрҳо мушикофона гирдоварӣ намудааст, ки ба қатори шоҳкориҳои сатҳи ҷаҳонӣ шомил шуда, шиносномаи тамаддунии миллати тоҷик ба шумор меравад. Яъне олимони таърихнависи ин аҳд барои эҳё ва рушду инкишофи илми тоҷик саҳми бориз гузошта, ки аҳамияти худро имрӯз низ гум накардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «**Илмҳои фалсафа ва таҳаввулот дар афкори файласуфон**» муаллиф асрҳои XI-XII-ро давраи ташаккул ва таҳаввули фалсафаи тоҷик арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки дар ин давра бузургтарин файласуфони тоҷик бо асарҳои фалсафии худ дар рушд ва инкишофи фалсафаи тоҷик саҳми босазо гузоштаанд. Муаллиф қайд

мекунад, ки дар ин аҳд як қатор мактабҳои фалсафӣ ва фалсафиву диннӣ ба вуҷуд омада, ки ҷаҳиши бузурге дар улуми фалсафа ба шумор меравад.

Муаллиф дар зербоби сеюми боби дуюм **«Саҳми тоҷикон дар пешрафти илмҳои исломии асрҳои XI-XII»** таҳқиқот анҷом дода, нақши донишмандони тоҷик дар инкишофи илмҳои исломии асрҳои XI-XII-ро махсус таъкид кардааст. Муаллим қайд мекунад, ки мардуми ориёинажод, минҷумла тоҷикон дар густариши улуми исломӣ (фиқҳ, тафсир, ҳадис, калом) аз оғози паҳн гардидани ислом ва дар асрҳои XI-XII беҳтарин ва бузугтарин шоҳкориҳоро карда, равияву ҷараёнҳои фалсафӣ ва динниро ба вуҷуд овардаанд. Ин аст, ки улуми исломӣ бо ба вуҷуд омадани мактабҳои фалсафӣ ва фалсафиву диннӣ хидматҳои бузургеро дар рушди маданияти мусалмонӣ анҷом додаанд.

Ҳамин тариқ, мазмуну мундариҷа ва сохтори диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар кори мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Боиси зикри хос аст, ки мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Дар асоси мавзуи таҳқиқнамуда диссертант 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баровардааст, ки мазмуну мундариҷаи мавзуи мазкурро инъикос менамоянд.

Новобаста аз он, ки диссертатсия ба талаботи навишти рисолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад, аммо аз камбудиву хатогиҳо низ орӣ намебошад. Ин камбудиҳо камбудиҳои ҷузъие мебошанд, ки муҳимтарини онҳоро дар ин ҷо мухтасар баён менамоем:

1. Хуб мебуд дар диссертатсия масъалаи рушди фарҳанг низ мавриди омӯзиш қарор мегирифт.

2. Дар рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда теъдоди умумии саҳифаҳои баъзе аз китобҳо нишон дода нашудааст.

3. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе аз калимаҳо, ибораҳо ва истилоҳоти душворфаҳм истифода шудаанд.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба назар мерасад.

Эродҳои овардашуда, камбудиҳои ҷузъие мебошанд, ки арзиши илмии диссертатсияро коста наменамояд. Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, муаллиф метавонад дар вақти омода ва чоп намудани монография ин эродҳоро ба инобат гирад ва ислоҳ намояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия дар мавзуи **«Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII»** ба талаботи банди 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Раҳимзода Қурбоналӣ Назар сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** **Раҳимова Ш.К.**

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Бустон, к. А. Баротов 6.
Тел: +992 3451 50634
email: rshahnoza83@mail.ru

**Имзои номзади илмҳои таърих, Ш. К. Раҳимова -ро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ** **Сулейманова Н. А.**

«26» 08 соли 2023